# ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «02» 12. соли 2020 №206 ш. Душанбе

**Дар бораи Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба механизми ҷорӣ намудан ва эътирофи сертификати байналмилалии баркашии воситаҳои нақлиёти боркаш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

160.110.000.

Мутобиқи моддаи 106 Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 9 нақшаи чорабиниҳои Барномаи рушди хизматрасониҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2021, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 феврали соли 2020, №155 тасдиқ шудааст, инчунин банди 8 Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2011, №250 тасдиқ гардидааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба механизми ҷорӣ намудан ва эътирофи сертификати байналмилалии баркашии воситаҳои нақлиёти боркаш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Раёсати нақлиёти рӯизаминӣ ва бахши ҳуқуқи вазорат фармоиши мазкурро тибқи тартиби муқарраргардида барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.
3. Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази сертификатсиякунонии кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёт» иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намояд.
4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир - сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Вазир Азим Иброҳим

1046

Фиристода шавад: РНР, ХДНТСН, КВД "МСКХСН" ва парванда. 14 12 20

Бо фармоиши вазири
наклиёти Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «01» 12 соли 2020,
№106 тасдиқ шудааст

Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба механизми ҷорӣ намудан ва эътирофи сертификати байналмилалии баркашии воситаҳои нақлиёти боркаш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба механизми ҷорӣ намудан ва эътирофи сертификати байналмилалии баркашии воситаҳои нақлиёти боркаш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Қоидаҳо) дар асоси моддаи 106 Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 9 нақшаи чорабиниҳо оид ба амалишавии Барномаи рушди хизматрасониҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2021, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 феврали соли 2020, №155 таҳия ва қабул шуда, қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба механизми ҷорӣ намудан ва эътирофи сертификати байналмилалии баркашии воситаҳои нақлиёти боркаш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

2. Мафҳумҳои асосие, ки дар Қоидаҳо истифода мешаванд:

- сертификати байналмилалии баркашӣ – ҳуҷҷате, ки дорои маълумоти саҳеҳ оид ба андозаҳои вазни воситаи нақлиёти автомобилӣ буда, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатҳои иштирокчии Созишнома оид ба ҷори намудани сертификати байналмилалии баркашидани воситаҳои нақлиёти боркашон дар қаламрави давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №82 тасдиқ шудааст, дода мешавад;
- интиқолдиҳанда – шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки дорои воситаи нақлиёти автомобилии хусусӣ бо ҳуқуқи моликият ё дигар асосҳои қонунӣ мувофиқи шартномаи ҳамлу нақл фаъолияти боркашониро амалӣ менамояд;
- мақоми ваколатдор – Маркази сертификатсиякунонии кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёт, ки вазифаҳои муайяни аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ вогузоршударо тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ менамояд;
- ронанда – шахсе, ки воситаи нақлиёти автомобилиро идора менамояд;
- соҳиби бор – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ҳуқуқи ихтиёрдории борро дорад;

1046
14 12 20

- ҳамлу нақл –ҳамлу нақли бор, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо истифода аз воситаҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути роҳҳои автомобилгард анҷом дода мешаванд;

- ҳамлу нақли транзитӣ – ҳамлу нақле, ки аз ҷониби интиқолдиҳандагон тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бе боркардану фаровардани бор амалӣ карда мешаванд.

## 2. ТАРТИБИ ИСТИФОДАИ СЕРТИФИКАТ

3. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сертификат бо дархости интиқолдиҳанда ва ё ронанда дар нуқтаҳои статсионарӣ ва сайёри назорати нақлиёт дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хатсайри ҳаракати воситаи нақлиёт ҷойгиранд, дар шакли замимаи Қоидаҳои мазкур дода мешавад.

4. Баркашии воситаҳои нақлиёти боркаш дар таҷҳизотҳои вазнченкунии сайёр ва статсионарӣ анҷом дода мешаванд. Санҷиши воситаҳои ченкунӣ дар нуқтаҳои сайёр ва статсионарии назорати нақлиётӣ, ки воситаҳои нақлиёти боркаш баркашида мешаванд, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

5. Ҳангоми барасмиятдарории сертификат аз ҷониби интиқолдиҳанда ё ронанда пеш аз вазнченкунии воситаи нақлиёт сутунҳои 1-3-и сертификат пур карда мешаванд, кормандони мақомоти нақлиёт сутунҳои 4-8-и сертификатро пур мекунанд. Пас аз гузаронидани вазнченкунии воситаҳои нақлиёт, интиқолдиҳанда ё ронанда сутуни 9 сертификатро пур карда, дурустии пур кардани сутунҳои 1-8-ро тасдиқ мекунад.

6. Маълумоте, ки дар сертификат мавҷуд аст, боэътимод эътироф карда мешавад ва ба вазнченкунии назоратии воситаҳои нақлиёт иҷозат дода намешавад, ба истисноиҳолатҳои зерин:

- номувофиқатии вазн ва (ё) андозаҳои дар сертификат ва ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда пешбинишуда (CMR, CARNET TIR);

- ҳангоми боркунии иловагӣ, борфарории қисман ё боркунӣ ба воситаи нақлиёти дигар, инчунин ҳангоми интиқоли бор таҳти низоми дигари реҷаи гумрукӣ;

- мувофиқат накардани маълумоти дар сертификат зикршуда (сутуни 3) ба маълумоти воқеии воситаи нақлиёти назоратшаванда;

- мувофиқат накардани андозаҳои вазни махсуси воситаи нақлиёт бо маълумоти дар сертификат пешбинишуда (сутуни 8).

7. Натиҷаҳои вазнченкунии назоратии воситаи нақлиёт дар сутуни 10 сертификат сабт карда мешаванд.

8. Дар ҳолати аз меъёрҳои муқарраргардида зиёд шудани андозаҳои иҷозатдодашудаи воситаҳои нақлиёт тибқи Қоидаҳои аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои нақлиёт бо вазну андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраргардида зиёданд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006, №779 тасдиқ шудааст, интиқолдиҳанда ва ё ронанда ҳаққи пардохти воситаи нақлиёти калонҳаҷм ва (ё) вазнинро тибқи маблағе, ки замимаи 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

1046

14 12 20

Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, №546 пешбинӣ намудааст, пардохт менамояд.

9. Истифодабарии сертификат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишваре, ки он дода шудааст, инчунин бақайдгирии воситаи нақлиёти боркашонии байналмилалии TIR -ро анҷомдиҳанда ва ё бо расмиёти дигар амалишаванда, ки дастрасии беиҷозатро ба бордони воситаи нақлиёт истисно мекунад, вобаста нест.

1046

14 12 20

Замимаи 1
ба Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба
механизми ҷорӣ намудан ва эътирофи
сертификати
байналмилалии баркашии воситаҳои нақлиёти
боркаш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | TJ | 000000 A |
|---|---|---|
| | Рамзи кишвар<br>Код страны<br>Country code | Рақами сертификат<br>Номер сертификата<br>Certificate number |

**СЕРТИФИКАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ БАРКАШИИ ВОСИТАИ НАҚЛИЁТ (СБВВН)**
**МЕЖДУНАРОДНЫЙ СЕРТИФИКАТ ВЗВЕШИВАНИЯ ТРАНСПОРТНОГО СРЕДСТВА (МСВТС)**
**INTERNATIONAL VEHICLE WEIGHING CERTIFICATE (IVWC)**

Аз ҷониби оператори нақлиётӣ/ ронандаи воситаи нақлиёт пеш аз баркашии воситаи нақлиёт анҷом дода мешавад
Заполняется транспортным оператором/водителем транспортного средства до взвешивания транспортного средства
To be completed by the transport operator / vehicle driver before weighing the vehicle

| | | |
|---|---|---|
| 1.Оператори нақлиётӣ (ном ва суроғаи ташкилот, аз он ҷумла кишвар)<br>Транспортный оператор (название и адрес организации, включая страну)<br>Transport operator (name and address of organization, including country) | Тел №<br>Тел №<br>Phone № | |
| | Факс №<br>Факс №<br>Fax № | |
| | Суроғаи электронӣ<br>Электронная почта<br>Email | |
| 2. Шартномаи интиқол №[1]<br>Договор перевозки №[1]<br>Carriage agreement No[1] | CARNET TIR № (агар амал намояд)[2]<br>CARNET TIR № (если применимо)[2]<br>CARNET TIR № (if applicable)[2] | |
| 3. Маълумот дар бораи воситаи нақлиёти боркаш<br>Сведения о грузовом транспортном средстве<br>Details of the cargo vehicle | | |
| 3.1. Рақами бақайдгирӣ<br>Регистрационный<br>Номер<br>Registration number | Автомобили боркаш/ядак<br>Грузовой автомобиль<br>/ Прицеп<br>Truck/ Trailer | Нимядак/ядак<br>Прицеп/полуприцеп<br>Trailer / semi-trailer |

1046
14 12 20

| 3.2. Низоми боздорӣ<br>Система подвески<br>Suspension system | Ядакмошин/автомобили боркаш<br>Тягача/грузового автомобиля<br>Tractor / Truck<br>☐ ҳавой воздушная air<br>☐ механикӣ механическая mechanical<br>☐ дигар иная other | Нимядак/ядак<br>Полуприцепа/прицепа<br>Semi-trailer / trailer<br>☐ ҳавой воздушная air<br>☐ механикӣ механическая mechanical<br>☐ дигар иная other |
|---|---|---|

Аз ҷониби корманди ваколатдори нуқтаи баркашӣ пур карда мешавад
Заполняется сотрудником уполномоченной станции взвешивания
To be completed by an employee of an authorized weighing station

| 4. Нуқтаи ваколатдори баркашӣ (рамз, номгӯ ва суроға, аз он ҷумла кишвар)<br>Уполномоченная станция взвешивания (код, наименование и адрес, включая страну)<br>Authorized weighing station (code, name and address, including country) | 5. Вазнченкунии воситаи нақлиёт №[3]<br>Взвешивание транспортного средства №3<br>____ Weighing of vehicle No. 3 |
|---|---|
| 4.1. Дурустии дараҷаи таҷҳизоти вазнченкунӣ[4]<br>Класс точности оборудования для взвешивания<br>Weighing equipment accuracy class<br>☐ Дараҷа III ё баландтар<br>Класс III или выше<br>Class III or higher<br>ва/ва ё ☐ ‹ 1 ☐1 ☐2<br>и/или<br>and/or | 6. Санаи додан (рӯз, моҳ, сол)<br>Дата выдачи (день, месяц, год)<br>Issue date (day, month, year) |

7. Вазнченкунии воситаҳои нақлиёти боркаш (ба сертификати мазкур сабти аслии нуқтаи баркашӣ бояд замима карда шавад)
Взвешивание грузовых транспортных средств (к настоящему сертификату должна быть приложена оригинальная официальная запись станции взвешивания)
Weighing of goods vehicles (the original official record of the weighing station must be attached to this certificate)

7.1. Намуди воситаи нақлиёти боркаш [5] [6]
Тип грузового транспортного средства
Type of cargo vehicle

7.2. Андозагирии сарборӣ ба меҳвар, бо кг
Измерение нагрузки на ось, в кг
Axle load measurement, kg

| | Пешбаранда<br>Ведущая<br>Leading | Пешнабаранда<br>Не ведущая<br>Not leading | Ягонакардашуда<br>Одиночная<br>Single | Дугонакардашуда<br>Сдвоенная<br>Twinned | Пайвастшуда<br>Строенная<br>Built |
|---|---|---|---|---|---|
| Меҳвари якум<br>Первая ось<br>First axis | | | | | |
| Меҳвари дуюм<br>Вторая ось<br>Second axis | | | | | |
| Меҳвари сеюм | | | | | |

1046
14 12 20

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Третья ось<br>Third axis | | | | |
| Меҳвари чорум<br>Четвертая ось<br>Fourth axis | | | | |
| Меҳвари панҷум<br>Пятая ось<br>Fifth axis | | | | |
| Меҳвари шашум<br>Шестая ось<br>Sixth axis | | | | |

| 7.3. Андозагирии вазни умумии воситаи нақлиёт(бо кг)<br>Измерение полного веса транспортного средства (в кг)<br>Measuring the gross vehicle weight (in kg) | Ядак/автомобили боркаш (кг)<br>Тягач/грузовой автомобиль (кг)<br>Tractor / truck (kg) | Нимядак/ядак (кг)<br>Полуприцеп/ прицеп (кг)<br>Semi-trailer / trailer (kg) | Вазни пурраи воситаи нақлиёт (кг)<br>Полный вес транспортного средства (кг)<br>Gross vehicle weight (kg) |
|---|---|---|---|
| | | | |

| 8. Хусусиятҳои махсуси вазнбардорӣ<br>Особые весовые характеристики<br>Special weight characteristics | |
|---|---|
| 8.1. Пур будани зарфҳои сӯзишворӣ, ки ба муҳаррик пайваст карда шудаанд, то:<br>Наполнение топливных баков, подсоединенных к двигателю, до:<br>Filling fuel tanks connected to the engine up to:<br>☐ 1/4 ☐ 1/2 ☐ 3/4 ☐ 1/1 | 8.3.Миқдори чархҳои эҳтиётӣ (адад)<br>Количество запасных шин (штук)<br>Number of spare tires (pieces) |
| 8.2. Пур будани зарфҳои иловагии сӯзишворӣ, то:<br>Наполнение дополнительных топливных баков до:<br>Filling additional fuel tanks up to:<br>☐ 1/4 ☐ 1/2 ☐ 3/4 ☐ 1/1<br>(аз ҷумла сӯзишворӣ барои дастгоҳи хунуккунӣ)<br>(включая топливо для устройства охлаждения)<br>(including fuel for the cooling device) | 8.4. Шумораи одамон дар як воситаи нақлиёт ҳангоми баркашӣ<br>Число человек на транспортном средстве во время взвешивания<br>The number of people on the vehicle during weighing ________<br><br>8.5.Мавҷудияти меҳвари борбардор<br>Наличие подъемной оси<br>Lifting axle<br>☐ Ҳа ☐Не |
| Ҳамзамон қайд менамоям, ки вазнченкунии дар боло овардашуда бо имзои зерини шахсони ваколатдори нуктаи баркашӣ иҷро шудаанд ва дақиқ мебошанд.<br>Настоящим заявляю, что вышеуказанные взвешивания были произведены нижеподписавшимся на уполномоченной станции взвешивания и являются точными<br>I hereby declare that the above weighings were carried out by the undersigned to authorized | Имзо<br>Подпись<br>Signature<br><br>1046<br>14 12 20 |

| | |
|---|---|
| weighing<br>station and are accurate | |
| Насаб ва рамзи шахсии корманди нуқтаи баркашӣ<br>Фамилия и личный код сотрудника станции взвешивания<br>Surname and personal code of the employee of the weighing station | Печать<br>Printing |

[1] мисол: Борхати CMR №
[2] тибқи Конвенсияи TIR соли 1975
[3] ниг. эзоҳ дар саҳ. 2
[4] тибқи Тавсияҳои МОЗМ
[5] мутобиқи Созишномаҳои байналмилалӣ, ки андозаи аз ҳад зиёди иҷозатдодашударо барои ҳамлу нақли миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин миқдори аз ҳад зиёди иҷозатдодашударо барои нақлиёти байналмилалӣ муайян мекунад
[6] рамзи намуди воситаи нақлиёт тибқи тасвирҳои нақшавӣ, масалан $A_2$ ё $A_2S_2$
[7] агар шумораи меҳварҳо аз шаш зиёд бошад, инро дар сархати "Эзоҳ" дар саҳифаи 2 нишон диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| 9. Аз ҷониби оператори нақлиётӣ/ронандаи нақлиёт пеш аз баркашии воситаи нақлиёт пур карда мешавад<br>Заполняется транспортным оператором/водителем транспортного средства после взвешивания транспортного средства<br>To be completed by the transport operator / vehicle driver after weighing the vehicle | | |
| Ман арз мекунам, ки:<br>(а) баркашии вазни воситаи нақлиёт дар нуқтаи баркашии болозикр гузаронида шуд<br>(в) Маълумот дар сутунҳои 1 - 8 беғалат ворид карда шуд<br>(с) Пас аз баркашидан дар нуқтаи баркашии номбурда ба воситаи нақлиёти боркаш ягон бори иловагӣ бор карда нашудааст<br>Я заявляю, что:<br>(а) Измерения веса транспортного средства были проведены вышеуказанной станцией взвешивания<br>(в) Информация в графах 1 - 8 внесена без ошибок<br>(с) После взвешивания на упомянутой станции взвешивания на грузовое транспортное средство не было помещено никакого дополнительного груза<br>I declare that:<br>(a) The vehicle's weight has been measured by the above weighing station<br>(c) Information in columns 1 - 8 was entered without errors<br>(c) After weighing at the said weighing station, no additional load has been placed on the goods vehicle. | | |
| Сана<br>Дата<br>date | Насаби ронанда/ронандаҳои воситаи нақлиёти боркаш<br>Фамилия водителя/водителей грузового транспортного средства<br>Surname of the driver / drivers of the cargo vehicle<br>________________<br>____________________ | Имзо<br>Подпись<br>Signature |
| Эродҳо (агар бошад)<br>Замечания (если имеются)<br>Comments (if any) | | |

1046
14 12 20

10.Аз ҷониби корманди нуқтаи баркашӣ дар ҳолати истисноии (назоратӣ) баркашӣ пур карда мешавад (3, 7, 8)[8]

Заполняется сотрудником станции взвешивания при исключительном (контрольном) случае взвешивания (3, 7, 8)[8]

To be completed by an employee of the weighing station in case of an exceptional (control) weighing case (3, 7, 8) 8

Нуқтаи баркашӣ (рамз, номгӯ ва суроға, аз ҷумла кишвар)
Станция взвешивания (код, наименование и адрес, включая страну)
Weigh Station (code, name and address, including country)

| | | |
|---|---|---|
| Сана<br>Дата<br>date | Насаби корманди нуқтаи баркашӣ<br>Фамилия сотрудника станции взвешивания<br>Weighing station employee surname | Имзо<br>Муҳр<br>Подпись<br>Печать<br>Signature<br>Printing |

Сабабҳо ва натиҷаҳои истисноӣ (назоратӣ) баркашӣ
Причина и результат исключительного (контрольного) взвешивания
Reason and result of exceptional (check) weighing

Рақами рамзи баркашии воситаи нақлиёт аз се унсури маълумотӣ иборат аст, ки бо дефис пайваст карда шудаанд
Кодовый номер взвешивания транспортного средства состоит из трех элементов данных, соединенных дефисами
The vehicle weighing code number consists of three data items connected by hyphens

(1) Рамзи кишвар (тибқи Конвенсияи СММ дар бораи ҳаракат дар роҳ аз соли 1968)
Код страны (в соответствии с Конвенцией ООН о дорожном движении 1968 года)
Country code (according to the 1968 UN Convention on Road Traffic)

| | | | |
|---|---|---|---|
| Арманистон<br>Армения<br>Armenia | ARM | Молдова<br>Молдова<br>Moldova | MD |
| Озарбойҷон<br>Азербайджан<br>Azerbaijan | AZ | Россия<br>Россия<br>Russia | RUS |
| Беларус<br>Беларусь<br>Belarus | BY | Тоҷикистон<br>Таджикистан<br>Tajikistan | TJ |
| Гурҷистон<br>Грузия<br>Georgia | GE | Туркманистон<br>Туркменистан<br>Turkmenistan | TM |
| Қазоқистон<br>Казахстан<br>Kazakhstan | KZ | Ӯзбекистон<br>Узбекистан<br>Uzbekistan | UZ |
| Қирғизистон<br>Киргизия | KS | Украина<br>Украина | UA |

1046

14 12 20

| | | | |
|---|---|---|---|
| Kyrgyzstan | | Ukraine | |
| (2) Рамзи дурақама барои муайян намудани нуқтаи баркашии миллӣ имконият медиҳад<br>Двузначный код, позволяющий идентифицировать национальную станцию взвешивания<br>Two-digit code to identify the national weighing station | | | |
| (3) Рамзи панҷрақама (ҳадди ақал) барои муайян намудани тарозуи инфиродӣ имконият медиҳад.<br>Масалан: MD - 01-23456 ё RUS - 14 – 000510<br>Ин рақами силсилавӣ бояд бо рақами дар китобҳои нуқтаи баркашӣ сабтгардида мувофиқат намояд.<br>Пятизначный код (как минимум), позволяющий идентифицировать индивидуальное взвешивание Например: MD - 01-23456 или RUS - 14 - 000510<br>Этот серийный номер должен соответствовать номеру, указанному в журналах на станции взвешивания.<br>Five-digit code (at least) to identify individual weighing<br>For example: MD - 01-23456 or RUS - 14 - 000510<br>This serial number must match the number on the weighing station logs | | | |

**Ҳангоми пешниҳоди сертификати мазкур баркашии такрории воситаи нақлиёт дар гузаргоҳҳои сарҳадии кишварҳои ИДМ гузаронида намешавад**

[8] Ин сутун аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҷонибҳо барои арзёбии фаъолияти нуқтаҳои баркашӣ, инчунин амалҳои оператори нақлиётӣ, ки қонуншиканӣ содир намудааст, истифода мешавад

1046
14 12 20